МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «ИНСТИТУТИ МАСОИЛИ АМНИЯТИ БИОЛОГӢ ВА БИОТЕХНОЛОГИЯ» АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН

734067, ш. Душанбе, Гипрозем 61 тел. 378842479 e-mail: baytor@mail.ru

№ 157 аз «16» 09 2026 с.

«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти масоили
амнияти биологӣ ва биотехнологияи АИКТ,
д.и.в. _____ Абдуллозода А.О.
М.П.

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба рисолаи илмии Кашкулоев Маҳмадназар Шарипович дар мавзӯи «Мониторинги эпизоотологию эпидемиологӣ ва чораҳои мубориза бар зидди брутселлёзи қӯтосҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон», ки барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-039 дар назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) пешниҳод карда мешавад.

1. Мутобиқати мавзӯъ ва мухтавои диссертатсия бо шиносномаи ихтисос

Мавзӯъ ва мундариҷаи диссертатсияи Кашкулоев Маҳмадназар Шарипович пурра ба бандҳои 3.7 ва 3.8-и Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) мутобиқат мекунад.

Банди 3.7 масъалаҳои ҷараёни эпизоотикӣ, масъалаҳои умумӣ ва ҷузъии эпизоотологияи бемориҳои сироятӣ, бемориҳои нави сироятии ҳайвонот, бемориҳои умумие, ки ба одамон ва ҳайвонот мансубанд, усулҳои тадқиқоти эпизоотологӣ ва эпизоотологияи таҳлилиро фаро мегирад. Банди 3.8 бошад, мониторинги эпизоотологӣ ва назорат, манбаъҳои табиии бемориҳои сироятии

ҳайвонот, сироятҳои трансмиссивӣ, роҳҳо ва воситаҳои назорати паҳнкунандагони бемориҳои сироятӣ, татбиқи корҳои зиддиэпизоотӣ ва пешгирикунанда, чорабиниҳои умумӣ ва махсус барои мубориза, пешгирӣ ва бартараф намудани бемориҳои сироятии ҳайвонотро дар бар мегирад.

Диссертатсияи мазкур ҳамаи ин ҷанбаҳоро фаро гирифтааст: мониторинги дарозмуддати эпизоотологии брутселлёз, таҳлили муқоисавии вазъи эпизоотӣ ва эпидемиологӣ, ташхиси комплексӣ бо усулҳои зардобавӣ, бактериологӣ ва молекулавӣ, муайян намудани биотипии изолятҳои *Brucella*, арзёбии самаранокии ваксинаҳо ва таҳияи маҷмӯи чорабиниҳои пешгирӣ ва мубориза. Аз ин рӯ, мавзӯъ ва муҳтавои рисола пурра ба ихтисоси 4.3.2 мутобиқат мекунад.

2. Мубрамияти мавзӯи диссертатсия

Брутселлёз яке аз бемориҳои сироятии зоонозии музмин буда, дар байни ҳам ҳайвонот ва ҳам одамон паҳн мегардад ва барои соҳаи чорводорӣ хатари ҷиддии эпизоотӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд меорад. Ин беморӣ дар тамоми ҷаҳон паҳн шудааст ва дар қатори бемориҳои сироятӣ яке аз ҷойҳои асосиро ишғол мекунад. Проблемаҳои эпидемиологӣ ва эпизоотии брутселлёзро танҳо бо роҳи ба амал баровардани маҷмӯи чорабиниҳои тиббӣ ва ветеринарӣ комилан ҳал кардан мумкин аст.

Дар шароити нави хоҷагидорӣ, гузаштан ба иқтисоди бозоргонӣ ва сол аз сол зиёд гаштани чорвои шахсӣ дар хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ ва инфиродӣ, яке аз проблемаҳои муҳим, ин омӯзиши хусусиятҳои хоси ташхиси саривақтӣ ва гузаронидани корҳои пешгирӣ оид ба нест кардани брутселлёз дар хоҷагиҳои шахсӣ ва наздиҳавлигӣ мебошад. Қӯтоспарварӣ дар минтақаҳои баландкӯҳи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, бахусус дар ноҳияи Мурғоб, манбаи асосии истеҳсоли гӯшту шир (то 90 %-и маҳсулоти чорводории хусусӣ) ба ҳисоб меравад. Брутселлёз ба ин соҳаи стратегӣ зарари калони иқтисодӣ мерасонад (исқоти ҳамл, паст шудани маҳсулнокӣ, забҳи маҷбурӣ) ва ҳамзамон хавфи ҷиддии сирояти одамон, аз ҷумла кӯдаконро, ба вуҷуд меорад.

Муаллиф бо истифода аз маводи расмии оморӣ дар давраи солҳои 2010–2024 нишон додааст, ки дар ВМКБ нишондиҳандаи бемории брутселлёз дар байни

чорвои калони шохдор (8,47–230,84 ба 100 ҳазор сар) назар ба сатҳи миёнаи ҷумҳурӣ (5,94–37,21 ба 100 ҳазор сар) якчанд маротиба баландтар аст, дар ҳоле ки сатҳи фарогирии эмгузаронии пешгирикунанда хеле паст (0,16–1,49 %) боқӣ мемонад.

Ин фарқият бо маҷмӯи омилҳои табиию хоҷагидорӣ шарҳ дода мешавад: дар марҳилаи густариши равандҳои хусусигардонӣ ва ташаккули хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ҳолати эпизоотикии бруселлёз дар минтақа хусусияти мураккабро касб намуд. Омилҳои асосии паҳншавии ин беморӣ ба риоя нагардидани қоидаҳои байторию санитарӣ ҳангоми таваллудкунӣ, гардиши беназорати ҳайвонот дар системаи анъанавии рондани мавсимии чорво, зичии баланди хоҷагиҳои хурди хусусӣ, истифодаи муштараки чарогоҳ ва манбаъҳои обнӯшӣ, инчунин мавҷудияти роҳҳои чорвогузар бо кишварҳои ҳамсоя.

Аз соли 1968 (тадқиқоти В.А. Таранов) то оғози кори мазкур омӯзиши мунтазами брутселлёзи қӯтосҳо дар ВМКБ гузаронида нашуда буд. Дар фосилаи байни ин солҳо омӯзишҳо асосан хусусияти эпизотӣ доштанд ва ба усулҳои маҳдуди зардобавии анъанавӣ такя мекарданд. Аз ин рӯ, гузаронидани тадқиқоти комплексии дарозмуддат бо истифода аз усулҳои муосири ташхисӣ (ТИФ, АЗП) аҳаммияти хоса дорад. Ин далелҳо мубрамияти баланди таҳқиқот ва зарурати таҳкими назорати эпизоотиро дар минтақаи мазкур пурра тасдиқ мекунанд. Тадқиқот на танҳо барои илми ветеринарӣ, балки барои ҳифзи саломатии аҳолӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ аҳаммияти махсус дорад.

3. Дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ

Гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар рисола ба маҷмӯи васеи тадқиқоти эпизоотологӣ, зардобавӣ, бактериологӣ, молекулавӣ ва таҳлили маълумоти оморӣ такя мекунанд. Асоснокии кор бо ҳаҷми назарраси маводи таҳқиқотӣ таъмин карда шудааст: 3127 намунаи зардоби хуни қӯтосҳо, 1258 намунаи шир, 106 намунаи маводи амрозӣ ва 40 сар қӯтосҳои солим барои санҷиши ваксина. Ин ҳаҷми калони мавод имкон медиҳад, ки натиҷаҳоро бо дараҷаи баланди эътимод арзёбӣ намоем.

Тадқиқот дар озмоишгоҳи беморихои бактериявӣ ва зоонозҳои Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, шӯъбаи зардобавию бактериологии Маркази миллии ташхиси бехатарии озуқаворӣ КБО назди ҲҶТ ва хоҷагиҳои қӯтоспарварии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон гузаронида шудааст. Коркарди омории маълумот бо барномаҳои SPSS (нусхаи 26) ва Microsoft Excel бо истифодаи меъёри χ^2, t-нишондоди Стюдент, регрессияи логистикӣ (сатҳи аҳаммияти $p < 0,05$) ва фосилаҳои боваринокии 95% гузаронида шудааст. Ин усулҳои оморӣ ба натиҷаҳо хусусияти илман асоснок мебахшанд ва имкон медиҳанд, ки фарқиятҳои мушоҳидашуда аз ҷиҳати оморӣ муҳим арзёбӣ гарданд.

Хулосаҳои диссертатсия аз ҷониби маводи бадастовардаи саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ пурра тасдиқ мешаванд. Натиҷаҳои бактериологӣ бо усули аксуламали занҷираи полимеразӣ (АЗП) тасдиқ гардидаанд. Арзёбии муқоисавии самаранокии ваксинаҳо дар шароити озмоишӣ гузаронида шуда, бо нишондиҳандаҳои зардобавӣ асоснок карда шудааст. Хулосаҳо бо тавсияҳои амалӣ дар шакли ду дастурамали методӣ мустаҳкам карда шудаанд, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ тасдиқ гардидаанд. Ҳамаи ин далелҳо дараҷаи баланди асоснокии гузоришҳои илмӣ ва хулосаҳои рисоларо тасдиқ мекунанд.

4. Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда

Тадқиқоти анҷомёфта аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ дорои навгонии баланд аст. Бори аввал баъд аз соли 1968 дар шароити хоҷагиҳои қӯтоспарварии ноҳияи Мурғоби ВМКБ (солҳои 2013–2022) вазъи воқеии брутселлёзи қӯтосҳо бо истифода аз маҷмӯи усулҳои зардобавӣ (АРБ, АА, АПК, ТИФ, АҲ), бактериологӣ ва аксуламали занҷираи полимеразӣ (АЗП) ба таври комплексӣ муайян карда шуд. Ин равиши комплексӣ имкон дод, ки на танҳо сатҳи сироятёбӣ, балки биотипи мушаххаси барангезанда ва хусусиятҳои паҳншавии он низ муайян карда шавад.

Дар натиҷаи тадқиқоти бактериологӣ аз 106 намунаи маводи амрозӣ 41 изолят ҷудо карда шуд. Аз 12 изоляти биотипӣ таҳлилшуда 8 изолят ба *Brucella abortus* (биотипҳои I ва III) ва 4 изолят ба *Brucella melitensis* (биотипҳои I ва III) мансуб муайян карда шуданд, ки бо АЗП тасдиқ гардид. Ошкор шудани ҳарду

намуди барангезанда дар қӯтосҳо далели муҳими илмии гузариши байнинамудии сироят дар шароити чаронидани якҷояи чорвои калону хурди шохдор ва қӯтосҳо мебошад. Ин натиҷа аввалин бор дар минтақаи мазкур бо усули молекулавӣ тасдиқ гардидааст ва аҳаммияти таҳияи стратегияи маҷмӯии зиддиэпизоотиро, ки на танҳо қӯтосҳоро, балки тамоми намудҳои чорвои дар минтақа нигоҳдоришавандаро фаро мегирад, исбот менамояд.

Бори аввал дар шароити Тоҷикистон арзёбии муқоисавии самаранокии ваксинаҳои зидди брутселлёз аз хайлҳои 19 ва 82 дар байни қӯтосҳо гузаронида шуд. Пас аз эмгузаронии ибтидоӣ дар синни 6–8-моҳагӣ, дар рӯзи 30-юм гурӯҳи ваксинаи хайли 19 нишондиҳандаҳои баландтари зардобавӣ дошт: АРБ ва АА – 100%, АПК – 80%, дар ҳоле ки дар гурӯҳи хайли 82 АПК танҳо 55%-ро ташкил дод. Пас аз эмгузаронии такрорӣ дар синни 18–22-моҳагӣ гурӯҳи хайли 19 нишондиҳандаҳои устувори 100%-ро дар се усул нигоҳ дошт, дар ҳоле ки гурӯҳи хайли 82 дар АПК танҳо 85%-ро нишон дод ва коҳиши антителоҳо дар он тезтар сурат гирифт. Ин далелҳо суръат, шиддат ва давомнокии бештари вокуниши масунияти гуморалиро дар ваксинаи хайли 19 тасдиқ мекунанд ва асоси илмии тавсияи истифодаи он дар нақшаи эмгузаронии қӯтосҳои ВМКБ мебошанд.

Усули таҳлили иммуноферментӣ (ТИФ/C-ELISA) нисбат ба аксуламалҳои анъанавӣ зардобавӣ бартарӣ нишон дод. ТИФ 29 ҳодисаи иловагии мусбат (0,92%) нисбат ба АРБ, АА ва АПК ошкор намуд. Ин ҳолатҳо асосан сироятҳои музмин ё пинҳонӣ бо титри пасти антитело буданд, ки барои усулҳои анъанавӣ номаълум мемонанд. Боэътимодии ин натиҷаҳо тавассути таҳлили муқоисавии ҳамаи усулҳои зардобавӣ, маълумоти клиникӣ (мавҷудияти ҳолатҳои қаблии исқоти ҳамл) ва тасдиқи бактериологӣ-молекулавӣ таъмин гардид.

5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия

Аз нигоҳи илмӣ, кор заминаи назариявии эпизоотология ва иммунологияи брутселлёзи қӯтосҳоро дар шароити хоси баландкӯҳи Тоҷикистон устувор мегардонад. Бори аввал маълумоти комплексии биотипии барангезанда дар ин минтақа муайян карда шуд ва қонуниятҳои паҳншавии сироят дар шароити

чарогоҳии кӯчманчигӣ таҳлил гардиданд. Натиҷаҳо ба рушди назарияи гузариши байнинамудии барангезандаҳои зоонозӣ саҳми назаррас мегузоранд. Фарқияти методологии тадқиқот нисбат ба корҳои қаблии В.А. Таранов (1968–1970) ва муҳаққиқони минтақаҳои баландкӯҳи Чин (Тибет), Непал ва Ҷумҳурии Алтой возеҳ аст: дар кори мазкур усулҳои муосири молекулавӣ ва арзёбии муқоисавии ваксинаҳо бори аввал дар шароити Тоҷикистон татбиқ гардидаанд.

Аз нигоҳи амалӣ, ду дастурамали методӣ таҳия ва аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ тасдиқ гардидаанд: «Дастурамал оид ба омӯзиши эпизоотологияи канории брутселлёз» (тасдиқшуда аз ҷониби Шӯрои илмӣ-техникии Хадамоти назорати давлатии байтории Вазорати кишоварзии ҶТ, 2015) ва «Дастурамали методӣ оид ба тартиби гузаронидани ташхиси бактериологии брутселлёзи ҳайвонот» (тасдиқшуда аз ҷониби Раиси Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати ҶТ, 2024). Ин ҳуҷҷатҳо мақоми расмии меъёрӣ-ҳуқуқӣ доранд ва барои истифода дар тамоми марказҳои ташхиси ветеринарӣ ва сохторҳои Кумитаи бехатарии озуқавории ҷумҳурӣ пешбинӣ шудаанд. Тавсияи илман асосноки истифодаи бартариятноки ваксинаи хайли 19 барои такмили нақшаи эмгузаронии кӯтосҳо заминаи мустақим мегузорад.

Аҳаммияти иқтисодӣ дар он зоҳир мешавад, ки ҷорӣ намудани усулҳои такмилёфтаи ташхис ва эмгузаронии мунтазам метавонад хароҷоти табобат, талафоти чорво аз сабаби исқоти ҳамл ва хароҷоти чораҳои такрории зиддиэпизоотиро коҳиш дода, маҳсулнокии кӯтоспарвариро дар минтақаи стратегии ВМКБ баланд бардорад. Аҳаммияти иҷтимоӣ бо коҳиши хавфи сирояти зоонозии коргарони хоҷагиҳо, чорводорон ва аҳолии деҳот, аз ҷумла кӯдакон (ки 9,5–16,7%-и ҳолатҳои бақайдгирифташударо ташкил медиҳанд), муайян карда мешавад. Натиҷаҳои тадқиқот мустақиман ба ҳадафҳои Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди кӯтоспарварӣ ва амнияти эпизоотӣ мувофиқанд.

6. Саҳми шахсии муаллиф ва роҳбари илмӣ

Асоси корҳои тадқиқотӣ таҳти роҳбарии доктори илмҳои ветеринарӣ шодравон М.А.Муминов (руҳаш шод бошад!) иҷро гардида ва баъдан таҳти

роҳбарии номзади илмҳои ветеринарӣ Расулов Сунатулло Абдурасулович анҷом дода шудааст. Таҳлили маводи диссертатсия, ҳаҷми калони маълумоти аслӣ (3127 намунаи зардоб, 1258 намунаи шир, 106 намунаи маводи амрозӣ, 40 сар қӯтоси озмоишӣ) ва натиҷаҳои мустақилона бадастовардашуда нишон медиҳанд, ки муаллиф тадқиқотро бо дараҷаи баланди мустақилӣ иҷро намудааст. Саҳми шахсии ӯ дар ҷамъоварии маводи саҳроӣ дар шароити душвори баландкӯҳи Помир, гузаронидани таҳлилҳои озмоишӣ, коркарди оморӣ, таҳияи хулосаҳо ва дастурамалҳои методӣ возеҳу равшан аст.

Роҳбарони илмӣ роҳнамоии илмӣ ва методологиро таъмин намудаанд, аммо иҷрои амалии тадқиқот ва таҳлили натиҷаҳо асосан кори мустақилонаи муаллиф мебошанд.

7. Сохтор ва мундариҷаи диссертатсия

Диссертатсия дар ҳаҷми 175 саҳифаи матни компютерӣ таҳия шуда, аз муқаддима, чор боб, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт (163 манбаъ: 34 тоҷикӣ, 73 русӣ, 56 англисӣ) ва замимаҳо иборат аст. Матн бо 12 ҷадвал, 14 диаграмма ва 14 расм тасвир ёфтааст. Сохтори рисола мантиқӣ ва мутобиқ ба талаботи рисолаҳои номзадӣ мебошад.

Боби якум (шарҳи адабиёт) таърихи омӯзиши брутселлёз, хусусиятҳои биологии барангезанда (токсономия, морфология, парварда), хусусиятҳои эпизоотологии беморӣ, усулҳои ташхиси озмоишӣ ва роҳҳои пешгирӣ ва муборизаро ба таври муфассал баррасӣ мекунад. Шарҳи адабиёт пурра, систематикӣ ва мутобиқ ба мавзӯъ аст. Муаллиф аз дастовардҳои муосири илми ҷаҳонӣ ва ватанӣ огоҳ аст.

Боби дуюм (мавод ва усули тадқиқот) заминаи методологии корро ба таври возеҳ ва мутобиқ ба стандартҳои Созмони ҷаҳонии ҳифзи саломатии ҳайвонот (WOAH) тасвир мекунад. Усулҳои истифодашуда (зардобавӣ, бактериологӣ, молекулавӣ, иммунологӣ) илман асоснок, такроршаванда ва барои шароити баландкӯҳ мутобиқ гардонида шудаанд.

Боби сеюм (натиҷаҳои тадқиқот) қисми марказии рисола буда, натиҷаҳои шахсии муаллифро оид ба хусусиятҳои табиию иқлимӣ ва махсусиятҳои

қӯтоспарварӣ дар ВМКБ, таҳлили муқоисавии вазъи эпизоотию эпидемиологӣ, мониторинги зардобавӣ-бактериологӣ ва арзёбии муқоисавии самаранокии ваксинаҳо дар бар мегирад. Мавод бо ҷадвалҳо, диаграммаҳо ва расмҳо хуб тасвир ёфтааст. Натиҷаҳо боэътимод ва илман асосноканд.

Боби чорум (баррасии натиҷаҳо) натиҷаҳои бадастомадаро бо дастовардҳои дигар муҳаққиқон муқоиса намуда, хулосаҳои умумиро асоснок мекунад. Баррасӣ мантиқӣ, илман асоснок ва ба мавзӯъ мутобиқ аст.

Хулосаҳо ва тавсияҳо мантиқан аз натиҷаҳо бармеоянд ва барои амалияи ветеринарӣ аҳаммияти калон доранд.

8. Сифати таҳрири матн, услуб ва автореферат

Матни диссертатсия бо забони илмии тоҷикӣ, мантиқан пайдарҳам ва бо риояи талаботи услуби илмӣ навишта шудааст. Истилоҳоти касбӣ дуруст ва пайдарҳам истифода шудаанд. Хатоҳои ҷиддии грамматикӣ, услубӣ ва мантиқӣ мушоҳида намешаванд. Сохтори мантиқии кор, пайдарҳамии бобҳо ва зербобҳо, инчунин таносуби қисматҳои назариявӣ ва амалӣ ба талаботи рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯй мебошанд. Автореферати диссертатсия мундариҷаи асосии рисоларо ба таври мухтасар ва дақиқ инъикос менамояд. Нуқтаҳои ҳимоя, навгонӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо дар автореферат пурра ва мувофиқ ба матни асосӣ оварда шудаанд. Автореферат ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ ҷавобгӯй аст.

9. Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия

Дар асоси маводи илмии диссертатсия 12 мақолаи илмӣ ба нашр расидааст, ки аз онҳо 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода шудаанд (Доклады ТАСХН, Известия Национальной академии наук Таджикистана, Кишоварз ва ғ.). Илова бар ин, 2 дастурамали методӣ таҳия ва аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ тасдиқ гардидаанд. Ин нишон медиҳад, ки натиҷаҳои тадқиқот аз ҷониби ҷомеаи илмӣ пазируфта шуда, арзиши назариявию амалии онҳо тасдиқ мегардад. Мақолаҳо мундариҷаи асосии рисоларо инъикос мекунанд ва барои паҳншавии дастовардҳои илмӣ мусоидат менамоянд.

10. Тавсияҳои амалии асосии пешниҳодшуда

Дар асоси натиҷаҳои тадқиқот муаллиф тавсияҳои зерини амалиро пешниҳод менамояд:

1. Ҷорӣ намудани нақшаи мунтазами эмгузаронии солона бо истифодаи бартариятноки ваксинаи хайли 19 барои тамоми саршумори қӯтосҳои синни муносиб (эмгузаронии ибтидоӣ дар синни 5–8-моҳагӣ ва такрорӣ 2 моҳ пеш аз бордоркунӣ дар синни 18–22-моҳагӣ).

2. Истифодаи маҷмӯи усулҳои ташхиси зудамали серологӣ (АРБ, АҲ) барои муайян намудани подаҳои таҷрибавию озмоишӣ пеш аз эмгузаронӣ ва гузаронидани мониторинги мунтазами зардобавӣ.

3. Тақвияти маблағгузории давлатии барномаҳои зиддиэпизоотӣ дар минтақаҳои дурдасти баландкӯҳ ва мустаҳкам намудани ҳамкории байнисоҳавии соҳаи ветеринарӣ ва тандурустии аҳолӣ.

4. Истифодаи дастурамалҳои методии тасдиқшуда дар тамоми марказҳои ташхиси ветеринарӣ ва сохторҳои дигари соҳаи байтории ҷумҳурӣ, инчунин ҳамчун дастури таълимӣ дар колледҷу институтҳои тибби ветеринарӣ.

5. Густариши тадқиқот ба дигар ноҳияҳои қӯтоспарвари ВМКБ (Ишкошим, Шуғнон, Рӯшон) дар асоси методологияи таҳияшуда ва таҳияи харитаи эпизоотии муфассали минтақа.

11. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия

Бо вуҷуди сатҳи баланди илмӣ ва амалии кор, баъзе нуқтаҳои такмилдиҳанда мушоҳида мешаванд, ки хусусияти тавсиявӣ доранд ва арзиши умумии кори анҷомёфтаро коҳиш намедиҳанд:

1. Дар шарҳи адабиёт қисмати марбут ба таҷрибаи байналмилалии мубориза бо брутселлёзи қӯтосҳо (Тибет, Непал, Ҷумҳурии Алтой ва дигар минтақаҳои баландкӯҳ) метавонист бо ишораҳои муфассалтар ба стратегияҳои муваффақи эмгузаронӣ ва мониторинг ғанӣ гардонида шавад.

2. Дар қисмати арзёбии самаранокии ваксинаҳо маълумоти муфассалтар оид ба динамикаи титри антителоҳо дар фосилаҳои кӯтоҳтари вақт (рӯзҳои 15, 45, 60) метавонист тасвири пурратари кинетикаи ҷавоби масуниятиро фароҳам орад.

3. Дар боби баррасии натиҷаҳо муҳокимаи омилҳои эҳтимолии таъсири баландии аз сатҳи баҳр ва гипоксия ба устувории масуният пас аз эмгузаронӣ метавонист ҷанбаи назариявии корро боз ҳам амиқтар гардонад.

4. Тадқиқоти маҷмӯӣ асосан дар ноҳияи Мурғоб гузаронида шудааст. Асоснокии интихоби минтақа хуб аст (зичии баландтарини саршумор, нишондиҳандаи баланди беморӣ), аммо дар матн метавонист бо далелҳои возеҳтар шарҳ дода шавад, ки чаро дигар ноҳияҳои қӯтоспарвар (Ишкошим, Шуғнон, Рӯшон) фаро гирифта нашудаанд.

5. Дар замимаҳо ҷойгир намудани харитаи эпизоотии муфассали ноҳияи Мурғоб бо нишон додани нуқтаҳои мусбат ва манфии ташхис метавонист арзиши амалии рисоларо барои мақомоти ваколатдорӣ байторӣ боз ҳам баландтар бардорад.

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, бартариҳои асосии кори рисола, навоварии он, аҳаммияти илмӣ ва амалии онро коҳиш намедиҳанд ва ба хулосаҳои асосӣ таъсири манфӣ намерасонанд. Онҳо метавонанд ҳангоми корҳои минбаъдаи илмӣ ва таҳияи нашрҳои алоҳида ба назар гирифта шаванд.

12. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Кашкулоев Маҳмадназар Шариповић дар мавзӯи «Мониторинги эпизоотологию эпидемиологӣ ва чораҳои муборизa бар зидди брутселлёзи қӯтосҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» дар сатҳи баланди илмӣ ва амалӣ иҷро шуда, аз рӯйи мундариҷа ба талаботи мавҷуда мувофиқат мекунад. Кор ҳамчун як кори илмии комилан анҷомёфта, боэътимод, навоварона ва дорои аҳаммияти баланди илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ арзёбӣ мегардад. Тадқиқот тамоми фаслҳои зарурӣ, бахшҳои илмӣ ва қисматҳои методологиро дар бар гирифта, бо пайдарҳамии мантиқӣ таҳия шудааст ва ҳадафҳои муайяни илмиро ба таври мушаххас пайгирӣ менамояд.

Рисола ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 76–79, 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯй мебошад.

Муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси бандҳои 76–79 ва 81-и Тартиби ба дараҷаҳои илмӣ ноил шудан, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, таҳия шудааст.

Тақриз аз ҷониби мудири озмоишгоҳи бемориҳои бахусус хавфноки чорвои Института масоили амнияти биологи ва биотехнологияи АИКТ омода шудааст.

Тақриз дар ҷаласаи озмоишгоҳи бемориҳои бахусус хавфноки Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнология аз «14» сентябри 2026 с., протоколи № 4 муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 6 нафар.
Натиҷаҳои овоздиҳӣ: тарафдор 6 нафар, зид ва бетараф - нест.

Раиси чаласа:
Мудири озмоишгоҳи бемориҳои бахусус
хавфноки чорвои ИМАББ, н.и.в. Давлатов С.Х

Эксперт:
Ходими пешбари илмии н.и.в Исматов И.А.

Котиби илмии чаласа:
Муовини директор оид ба амнияти
биологи ва инноватсия н.и.в Маҳмудов К.Б.

Имзоҳои Исматов И.А. ва
Маҳмудов К.Б.- ро тасдиқ мекунам
Сармутахасис оид ба кадр Нурова Г.Т.
14 сентябри соли 2026

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроғаи муассисаи пешбар: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Гипрозем 61, тел: 2378842479; E - baytor @ mail. ru.
14 сентябри соли 2026